Мулоқоти раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 23 Ноябр, 2021 - 20:00
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми ноябри соли 2021, соати 15:00 дар толори Кумита мулоқоти раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муҳаммадҷонзода Олимҷон ва Сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон оқои Муҳаммадтақии Собирӣ баргузор гардид.

Дар рафти мулоқот тарафҳо ҷиҳати амалишавии Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар бахши забон ва истилоҳот, ки аз 10-уми сентябри соли 2014 ба имзо расидааст, изҳори ақида намуда, тасмим гирифтанд, ки минбаъда ҳамкориҳоро дар самти забон ва истилоҳот миёни ин ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг мустаҳкам намоянд.

Дар анҷоми мулоқот аз ҷониби тарафҳо туҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид, ки ин дар таҳкими ҳамкориҳои минбаъда хотирмон хоҳад монд.

Баҳодиҳии муҳтаво: 3

Баҳои миёна: 3 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]
- Фаъолият [3]

•

•

•

•

•

•

•

•

•

•

•

Манбаъ::http://kumitaizabon.tj/tg/content/mulokoti-raisi-kumitai-zabon-va-istilokhoti-nazdi-khukumati-chumkhurii-tochikiston-bo-safiri?page=2

Пайвандҳо
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/10.JPG [2] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE%D0%BB%D0%B8%D1%8F%D1%82 [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/9.JPG [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/10.JPG [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/11.JPG [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/5.JPG [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/6.JPG [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/7.JPG [10] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/8.JPG [11] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/1.JPG [12] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/2.JPG [13] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/3.JPG [14] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/4.JPG